# БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## Шарҳи моҳонаи таваррум • Октябри 2016

**Сатҳи таваррум дар моҳи октябри соли 2016 раванди ботадриҷи поёнравиро соҳиб гашта, тағйирёбии он нисбат ба моҳи қаблӣ 0,2 фоизро ташкил дод. Таварруми солона низ дар муқоиса ба моҳи сентябр (6,4%) дар сатҳи пасттар 6,1 фоиз ҷамъбаст ёфт.**

Тамоюли мазкур ғайричашмдошт набуда, он дар маҷмуъ дар доираи дурнамои муқарраршуда ва нишондиҳандаи мақсаднок, ки дар интиҳои сол сатҳи таварруми солонаро дар доираи 7,0 фоиз пешбинӣ менамояд, тағйирёбӣ дорад.

**Поёнравии нисбии таварруми солона дар моҳи октябр маҳз аз ҳисоби нарху тарифаҳои хизматрасонӣ (маъмурӣ) ва маводи сӯзишворӣ ба вуқуъ омад.** Дар ин давра сатҳи таваррум бо арзёбии солона (дар 12 моҳи охир) аз ҳисоби афзоиши нархи маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ ба андозаи 7,4 фоиз (0,7% м/м)[1] ва маҳсулоти хӯрокворӣ 5,8 фоиз (0,6% м/м) ҳосил гардид. Қобили зикр аст, ки маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ бо арзёбии солона тамоили тадриҷии пастшавиро нишон дод, ки аз мутобиқшавии нархҳои дохилӣ ба тағйирёбиҳои қурбии дар аввали сол ба вуқуъ омада гувоҳӣ дода истодааст. Тарифаҳои хизматрасонии маъмуран муқарраршаванда бошад, аз 7,0 фоиз дар моҳи сентябр то ба 4,4 фоиз (-2,8% м/м) поён рафта, мутаносибан саҳми асосиро дар пастравии таварруми солона дошт.

**Таварруми аслӣ[2], ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бидуни лаппишҳои кӯтоҳмуддат нишон медиҳад, тибқи ҳисобҳои БМТ дар моҳи октябр дар умум қариб бетағйир монда, сатҳи он бо арзёбии солона 3,5 фоизро ташкил дод (0,3% м/м).** Саҳми афзоиши қисматҳои асосии таварруми аслӣ, махсусан маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ (бе назардошти маводи сӯзишворӣ) ва хизматрасонии бозорӣ муътадил монда, маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ бошад нисбат ба моҳи қаблӣ каме, асосан аз ҳисоби маҳсулоти қаннодӣ (8,2% с/с)[1] ва нӯшокиҳои беспирт (20,1% с/с) афзуд.

**Дар моҳи октябр гурӯҳи нархҳои истеъмолие, ки дар ҳисоби таварруми аслӣ истисно мегарданд, ба поёнравии таваррум мусоидат кард.** Нархи маҳсулоти хоми (нотайёри) хӯрокворӣ вобаста ба таъсири омилҳои ғайримонетарӣ раванди тағйирёбӣ дошт. Аз ҷумла, нархи чунин маҳсулотҳои ба омилҳои таклифот ва мавсимӣ ҳассоснок, ба монанди сабзавот (-1,2% м/м ё 2,7% с/с), биринҷ (-1,9% м/м ё -5,4% с/с) поёнравӣ дошта, дар навбати худ нархи меваҷот (2,2% м/м ё 29,1% с/с), тухм

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таваррум ва таварруми аслӣ ва саҳми сохтории он, солона бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)






(20,9% м/м ё 18,3% с/с), шир (7,1% м/м ё 3,4% с/с) боло рафт.

Нарху тарифаҳои маъмурӣ низ бо таъсири омили ғайримонетарӣ, дар натиҷаи коҳишёбии назаррас ва ғайриинтизории арзиши хизматрасонии нақлиёт, пеш аз ҳама ҳавопаймо ва роҳи оҳан паст фаромад (-8,6% м/м ё 2,3% с/с).

Масолеҳи сӯзишворӣ бошад, бинобар сабаби муътадил гардидани нархи воридотӣ ва таҳвили гази моеъ аз Ҷумҳурии Қазоқистон дар моҳи октябр нисбатан арзон шуд (-1,4% м/м ё 8,6% с/с).

Бояд қайд намуд, ки раванди тағйирёбии муътадилии талаботи дохилӣ ва қурби пули миллӣ ба интизориҳои нисбатан пасти таваррумӣ мусоидат карда истодаанд, ки инро метавон дар пӯёи (динамикаи) таваррумӣ аслӣ мушоҳида кард. Тибқи таҳлиҳо интизор меравад, ки дар моҳи ноябри соли равон болоравии ба нақша гирифташудаи нархи хизматрасонии неруи барқ ва омилҳои кӯтоҳмуддати мавсимӣ сатҳи таваррумӣ солонаро то андозае боло мебарад. Аммо бо вуҷуди ин, меъёри таваррум эҳтимолан дар интиҳои сол дар доираи нишондиҳандаи мақсадноки 7,0 фоизи солона ҷамъбаст хоҳад ёфт.

**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории он, солона бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)







---

[1] - м/м –моҳ нисбат ба моҳ (тағйирёбии моҳона)
- с/с – сол дар сол (тағйирёбии солона)

[2] - Таваррумӣ аслӣ бо мақсади баҳодиҳӣ ва таҳлили ҷараёни доимии тағйирёбии сатҳи нархҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омор) ҳисоб карда мешавад. Ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таваррумӣ умумӣ (намояи нархҳои истеъмолӣ) таваррумӣ аслӣ раванди устувор ва дарозмуддати тағйирёбии нархҳоро, ки зери таъсири омилҳои талаботи дохилӣ ва монетарӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос менамояд. Усули асосии ҳисоби таваррумӣ аслӣ - усули истисноӣ буда, он бо роҳи хориҷ кардани номгӯи алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тамоюли тағйирёбии зиёд дошта, ки бо тағйирёбии аслии сатҳи нархҳо алоқаманд нест, ҳисоб карда мешавад. Аз сабаби намояи нархҳои истеъмолӣ номгӯи маҳсулоти бо лаппишҳои кӯтоҳмуддат ва гузарандаи аз таъсири омилҳои ғайримонетарӣ вобастабуда, аз ҷумла омилҳои таклифот (нархҳои ҷаҳонӣ, шароити табиӣ), мавсимӣ ва маъмурӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне, дар ҳисоби таваррумӣ аслӣ маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, моводи сӯзишворӣ ва хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда ба инобат гирифта намешаванд.

## Намояи нархҳои истеъмолӣ

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | | | Октябр, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | | | | | | | | | | |
| | | | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Август | Сентябр | Октябр | |
| **Таваррум** | **100.0** | **5.1** | **6.0** | **6.4** | **5.7** | **5.5** | **5.3** | **5.6** | **6.1** | **6.4** | **6.4** | **6.1** | **0.2** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **53.0** | **3.8** | **4.7** | **5.1** | **3.4** | **2.9** | **2.2** | **3.8** | **5.0** | **5.0** | **4.8** | **5.3** | **0.7** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 17.3 | 9.1 | 10.7 | 8.6 | 2.9 | 0.8 | 1.4 | 0.5 | -0.7 | -1.5 | -1.5 | -0.9 | -0.4 |
| Биринҷ | 3.1 | 11.6 | 9.9 | 9.4 | 7.4 | 4.1 | 0.4 | -0.9 | -4.7 | -5.2 | -4.6 | -5.4 | -1.9 |
| Орд | 10.4 | 7.8 | 10.4 | 7.1 | -1.1 | -3.4 | -1.5 | -2.6 | -3.0 | -4.2 | -4.3 | -3.0 | -0.1 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 9.1 | -10.2 | -10.2 | -5.8 | -4.9 | -5.2 | -5.0 | -4.9 | -4.5 | -2.5 | -2.4 | -2.1 | 0.0 |
| Гӯшти гов | 6.2 | -14.3 | -14.5 | -8.8 | -8.0 | -8.4 | -8.4 | -8.4 | -7.9 | -5.2 | -5.2 | -5.0 | -0.3 |
| Тухм | 1.4 | 5.5 | 4.9 | 2.3 | 0.3 | -0.8 | 3.9 | 5.0 | 4.9 | 4.3 | -0.8 | 18.3 | 20.9 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1.6 | 7.3 | 1.8 | 1.1 | 1.0 | 2.7 | 4.0 | 3.5 | 4.2 | 4.9 | 4.2 | 5.5 | 2.7 |
| Шир | 0.4 | 16.1 | 0.1 | -3.9 | -4.8 | -1.8 | 1.7 | -0.7 | 0.8 | 2.0 | -0.1 | 3.4 | 7.1 |
| Равғани растанӣ ва ҳайвонот | 3.8 | 12.7 | 17.5 | 18.7 | 17.8 | 17.6 | 15.6 | 15.7 | 15.4 | 13.9 | 11.9 | 11.3 | 0.3 |
| Меваҷот | 4.4 | 12.3 | 8.1 | 8.6 | 14.4 | 14.3 | 10.7 | 9.5 | 13.0 | 22.3 | 31.0 | 29.1 | 2.2 |
| Сабзавот | 8.8 | -12.4 | -12.6 | -11.5 | -13.5 | -12.0 | -14.0 | -0.5 | 13.1 | 9.0 | 5.5 | 2.7 | -1.2 |
| Шакар | 1.9 | 19.3 | 34.3 | 30.7 | 28.8 | 24.6 | 27.0 | 27.9 | 21.9 | 21.9 | 21.8 | 22.7 | 1.8 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1.1 | 13.7 | 15.5 | 16.0 | 19.4 | 20.3 | 23.5 | 24.0 | 22.0 | 20.2 | 20.2 | 20.1 | 2.4 |
| **Хӯроки умумӣ*** | **0.9** | **14.9** | **14.9** | **16.9** | **16.9** | **11.7** | **11.7** | **11.7** | **13.9** | **13.9** | **20.4** | **19.4** | **2.4** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1.5** | **15.9** | **15.4** | **17.7** | **18.8** | **19.1** | **23.0** | **19.5** | **17.1** | **16.1** | **15.4** | **16.0** | **0.9** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **30.5** | **7.9** | **8.5** | **8.8** | **9.5** | **9.7** | **10.3** | **9.4** | **8.1** | **8.2** | **8.1** | **7.5** | **0.6** |
| Либос ва пойафзол | 10.2 | 9.2 | 15.0 | 15.6 | 16.1 | 16.5 | 18.6 | 18.5 | 17.2 | 17.3 | 16.9 | 16.6 | 0.8 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3.9 | 2.2 | 1.2 | 1.0 | 1.3 | 0.1 | 0.2 | 0.2 | -0.1 | -1.6 | -1.8 | -0.8 | 0.9 |
| Маводи шустушуй | 1.5 | 15.5 | 11.2 | 11.1 | 10.4 | 9.2 | 8.7 | 8.7 | 7.8 | 6.5 | 6.5 | 6.0 | 0.0 |
| Доруворӣ | 2.6 | 24.7 | 24.5 | 28.4 | 32.6 | 32.6 | 32.0 | 24.8 | 15.3 | 16.0 | 16.0 | 15.6 | 0.4 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2.0 | -7.0 | 9.0 | 7.5 | 6.9 | 10.8 | 11.6 | 2.3 | 2.4 | 7.9 | 10.5 | 8.6 | -1.4 |
| Васоити нақлиёт | 1.2 | -2.0 | -2.0 | -1.6 | -0.4 | -0.4 | -0.4 | -0.4 | -0.4 | -0.4 | 0.0 | 0.0 | 0.0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодаба | 1.3 | 7.6 | 9.2 | 9.5 | 9.6 | 9.4 | 9.7 | 9.7 | 9.1 | 7.6 | 6.0 | 8.4 | 2.2 |
| **Хизматрасониҳо** | **14.2** | **2.2** | **4.1** | **4.4** | **4.5** | **4.6** | **4.8** | **2.8** | **4.4** | **6.3** | **7.0** | **4.4** | **-2.8** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 4.9 | 3.2 | 4.9 | 4.0 | 1.6 | 2.7 | 2.5 | 1.2 | 2.5 | 5.2 | 5.8 | 5.4 | -0.2 |
| Иҷорапулии манзил | 0.2 | 14.3 | 14.3 | 14.3 | 14.3 | 12.3 | 12.3 | 9.7 | 9.7 | 9.7 | 5.9 | 5.7 | 0.0 |
| Обтаъминкунӣ ва партовбарорӣ | 0.6 | 20.1 | 0.0 | 0.0 | 2.3 | 2.3 | 2.3 | 2.3 | 2.3 | 2.3 | 2.3 | 5.1 | 2.7 |
| Қувваи барқ | 2.5 | 0.0 | 10.6 | 10.6 | 10.6 | 10.6 | 10.6 | 10.6 | 10.6 | 10.6 | 10.6 | 10.6 | 0.0 |
| Оби гарм | 0.0 | 14.6 | 6.7 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 |
| Газ | 1.2 | -6.3 | 5.4 | 5.2 | -6.5 | 0.9 | 0.3 | -8.6 | -5.5 | 4.9 | 9.4 | 6.9 | -1.8 |
| Нақлиёт | 4.3 | -2.3 | 2.4 | 4.2 | 7.6 | 7.6 | 7.5 | 3.5 | 6.9 | 10.2 | 10.0 | 2.3 | -8.6 |
| Алоқа | 1.8 | 0.8 | 0.1 | 0.1 | 0.1 | 0.1 | 0.1 | 0.1 | 0.1 | 0.1 | 0.1 | 0.1 | 0.0 |
| Маориф | 1.2 | 2.6 | 2.6 | 2.6 | 2.6 | 2.6 | 2.6 | 2.6 | 2.6 | 2.6 | 12.1 | 11.8 | 0.0 |
| Тандурустӣ | 0.7 | 14.0 | 12.3 | 14.4 | 12.2 | 7.0 | 7.0 | 4.3 | 4.3 | 4.3 | 3.7 | 3.4 | 0.0 |

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо*

*манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ*